**Тақриз**

**ба автореферати Маҳмудов Маҳмудҷон Абдулҳадович дар мавзуи "Бозтоби масоили иҷтимоӣ ва ахлоқӣ дар ҳикояи муосири тоҷик (дар мисоли ҳикояи давраи истиқлол)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз руйи ихтисоси 10.01.04.- Таърихи адабиёт, равобити адабӣ. Душанбе, 2023, 26 саҳ.**

Пас аз ғалабаи Инқилоби Октябр дар адабиёти сермиллати шура-вӣ жанри фаъоли адабиёт ҳикоя ба шумор мерафт. Дар адабиёти муосири тоҷик низ жанри ҳикоя нисбатан фаъол буда, дар ибтидо бо сарпарастӣ ва раҳнамоии устод Садриддин Айнӣ нависандагони ҷавон, Сотим Улуғзода, Ҷалол Икромӣ, Раҳим Ҷалил, Пӯлод Толис, Фотеҳ Ниёзӣ, Фазлиддин Муҳаммадиев ба навиштани ҳикоя бештар машғул шуданд. Минбаъд ба нависандагони ҷавон мисли Ҷумъа Одина, Ӯрун Кӯҳзод, Сорбон, Саттор Турсун, Абдулҳамид Самад, Ҷонибек Акобир ва дигарон ташвиқ намуданд, ки ба ин васила хазинаи адабиёти муосири тоҷикро бою ғанӣ гардонид. Диссертант мубрамияти мавзуи таҳкикро дар арзёбии ҳамаҷонибаи ҳикоя ва ҷустуҷуҳои эҷодии нависандагон дар замони истиқлол арзёбӣ намудааст.

Муқаддимаи диссертатсия тибқи талабот мубрамият, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, арзиши амалӣ ва назарӣ, методи таҳқиқотро фарогир аст.

Боби аввали диссертатсия **«Заминаҳо ва омилҳои адабию ҳунарии инкишофи жанри ҳикоя дар насри муосири тоҷик»** ном дошта, диссертант бештар ба масоили ҷараёни ташаккули жанри ҳикоя, қонуниятҳои инкишофи ин жанр, инкишофи мавзӯи иҷтимоӣ дар жанри ҳикоя дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон таваҷҷуҳ намуда, масоили мазкурро таҳлилу баррасӣ намудааст.

Фасли аввали боби якум **«Марҳилаҳои асосии шаклгирии жанри ҳикояи муосири тоҷикӣ»** унвон дошта, диссертант талош намудааст, то давраҳо ва марҳилаҳои асосии шаклгирии ҳикоя, инкишоф ва таҳавул ва хусусиятҳои асосии онро муфассал ва бо далелҳои муътамади илмӣ баён намудааст. Аз дастабандии марҳилаҳои ҳикоя бармеояд, ки муаллиф ба масъалаи мавриди назар ҷиддӣ муносибат намуда, онро мӯшикофона таҳқиқ намудааст.

Фасли дуюми боби якуми диссертатсия **«Ҳикояи реалистӣ ва қонуниятҳои жанрии он дар насри муосир»** унвон дошта, диссертант тавонистааст қонуниятҳо ва хусусиятҳои жанри ҳикояи реалистиро бо далелҳо нишон диҳад. Бурди дигари рисоланавис дар он аст, ки ӯ ҳикояҳои воқеъгаронаи тоҷикиро дар марҳилаҳои гуно-гуни таърихӣ таҳлилу баррасӣ намудааст.

**Боби дувуми диссертатсия** «Мақом ва ҷойгоҳи ҳикоя дар насри тоҷикии давраи истиқлол» номида шуда, аз ду фасл иборат аст. Дар фасли аввал, ки «Идома ва инкишофи суннатҳои ҳикоянависии садаи бист дар насри давраи истиқлол» унвон дорад. Ба андешаи диссертант таҳаввулоти ҷиддие, ки дар жанри ҳикоя ба вуҷуд омад, бештар дар ҳикояҳои П.Толис, Ф.Муҳаммадиев, М.Хоҷаев, Сорбон, Ӯрун Куҳзод, С. Турсун, А.Самад, Б.Фирӯз, К.Мирзо, Ҷ.Акобир, Баҳманёр, С.Раҳим, Ю. Юсуфӣ ва дигарон ба назар мерасад.

Дар фасли дуюми боби дуюми диссертатсия **«Махсусиятҳои инъикоси бадеии масоили иҷтимоӣ ва ахлоқӣ дар ҳикояи замони истиқлол»** ном дошта, диссертант ба хулоса меояд, ки яке аз омилҳои асосии таконбахши ин раванд истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ва озодии эҷодиёти бадеӣ буд ва ба аҳли адаб имконияти фарохе муҳайё гардид (саҳ....) Хулосаи дурусти диссертант оиди тамоюли мусбати

инкишофи ҳикоя дар фарогирии воқеият ва масъалаҳои иҷтимоӣ равшан ба назар мерасад.

Боби савуми диссертатсия, **«Хусусиятҳои бадеию сохтории ҳикояи муосир»** унвон дорад, ки аз ду фасл иборат мебошад. Дар фасли аввали боби сеюи **«Ҷустуҷӯҳои бадеӣ ва шеваи нигориши нависандагон дар жанри ҳикояи имрӯз»** Диссертант бештар ба масъалаи ҷусторҳои ҳунарии нависандагон дар замони истиқлолият андешаронӣ, таҳлил ва баррасӣ намуда, хусусиятҳои ҳунарии онҳо нишон дода шудааст.

Дар фасли дуюми боби сеюм, ки **«Таҳаввули шаклӣ ва сохтории жанри ҳикояи давраи истиқлол»** номгузорӣ унвон дорад. Ба андешаи диссертант тағйироти аввал дар ҷустуҷуҳои нависандагон дар шакли ҳикоя аст, зеро бештар дар ин давра мустақилияти дохилии жанр ба назар мерасад, ва он бештар дар ҳикояҳои Ӯрун Кӯҳзод, Сорбон ва Абдулҳамид Самад дида мешавад. Махсусияти дигари он дар инкишофи ҳикояи хурд мебошад, ки дар ин саф ба андешаи диссертант нависандагон Сорбон, Абдулҳамид Самад, Баҳманёр, Юнус Юсуфӣ пешгом мебошанд.

Хулосаи диссертатсия муфассал буда, дар он тамоми масъалаҳои марбут ба диссертатсия хулосабандӣ гардида, дар даҳ банд оварда шудааст, ки ба назари мо аз пухтакории рисоланавис шаҳодат медиҳад.

Мақолаҳои чопнамудаи диссертант пурра муҳтавои диссертатсияро фарогир буда, тибқи талаботи рисолаҳои номзадӣ навишта шудааст.
Дар баробари муҳассаноти таҳқиқ дар автореферат камбудиҳо ҷузъӣ ба назар расид, ки ба андешаи мо ислоҳи он ҳусни рисоларо афзун хоҳад намуд:

1. Дар таҳқиқот рисоланавис ба масъалаи таъсирпазирии ҳикояи тоҷикиро аз ҳикояҳои русӣ ва халқҳои бародар матраҳ мекард, боз беҳтар мешуд.
2. Дар варианти тоҷикии автореферат хатоҳои имлоӣ ва китобатӣ ба назар мерасад. Дар боби аввали диссертатсия агар дар як фасли алоҳида собиқаи инкишофи жанри ҳикоя дар адабиёти классикӣ тавзеҳ дода мешуд, беҳтар мешуд.

Ба андешаи мо рисолаи мазкур кори анҷомёфтаи илмӣ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илми номзади илми филология, аз руйи ихтисоси 10.01.04. –Таърихи адабиёт, равобити адабӣ мебошад.

**Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забон ва адабиёти тоҷики ДАТ ба номи Ш.Шоҳтемур:** [signature] **Дӯстов Комилҷон Авлокулович**

Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ
ва кадрҳои Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур [signature] Абдуҳалимзода Наима Абдуҳалим

Нишонӣ 734003, Таджикистан, г. Душанбе.
Хиёбони Рудаки, 146.
Тел.кор):+992 (2247207)

14.11.2023